

# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН[1] ДАР СЕМОҲАИ ЧОРУМИ СОЛИ 2023

*Дар давраи ҳисоботӣ бо назардошти фазои муътадили макроиқтисодӣ, нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявии низоми бонкӣ дар маҷмӯъ тамоюли муътадилро касб намуда, ба талаботҳои мақбул ҷавобгӯ буданд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи чоруми соли 2023 меъёри кифоятии сармоя дар низоми бонкӣ (К1-1) ба 21,3 фоиз баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 9,3 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад. Афзоиши нобаробари сармояи танзимшаванда (21,1 фоиз) ва дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашудаи (43,6 фоиз) низоми бонкӣ дар ин давра ба тағйир ёфтани меъёри кифоятии сармоя (К1-1) боис гардид. Меъёри К1-3 бошад ба 17,1 фоиз баробар гардид.

Мавриди зикр аст, ки аз сатҳи талаботи ҳадди ақал баланд қарор доштани нишондиҳандаи меъёри кифоятии сармоя ба кам шудани талафоти эҳтимолии молиявӣ ва таъмини фаъолияти бемамониати низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи ҳадди ақали меъёри мақбул (30 фоиз) мутобиқ буда, 81,0 фоизро ташкил намуд.

Пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ низ дар сатҳи муносиб қарор дошта, 91,8 фоизро ташкил намуд.

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯйи дороиҳо ва сармоя тамоюли муътадил дошта, мувофиқан 3,7 фоиз ва 19,2 фоизро ташкил намуданд.

*1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ*




*2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)*




*3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя*




---

[1] *Бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ТАҚХ*

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ аз 12,2 фоиз дар интиҳои моҳи декабри соли 2022 то ба 12,7 фоиз дар давраи ҳисоботӣ зиёд шуд.

Нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол бошад, дар ин давра ба 97,3 фоиз баробар гардид.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки таносуби нишондиҳандаи қарзҳои ғайрифаъол тарҳи фонди махсус барои пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба сармояи танзимшаванда ба ҳолати 31 декабри соли 2023 0,97 фоизро ташкил дод, ки ин нишондод кам будани сарбории қарзҳои ғайрифаъолро сармоя ифода менамояд.

**Хавфи асъорӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар муқоиса ба моҳи декабри соли 2022 ба андозаи 4,2 б.ф. афзоиш ва ҳиссаи пасандозҳои асъорӣ ба андозаи 0,2 б.ф. коҳиш ёфта, мувофиқан 33,2 фоиз ва 44,5 фоизро ташкил намуданд.

Яке аз роҳҳои муайян намудани осебпазирии сармояи низоми бонкӣ ба хавфи асъорӣ ин таносуби мавқеи умумии кушодаи асъорӣ нисбат ба сармояи танзимшаванда мебошад, ки ин номувофиқатии мавқеи асъорро аз рӯйи дороиҳо ва ӯҳдадориҳо (мавқеи кушода) нишон медиҳад. Тибқи таҳлилҳо сармояи низоми бонкии Тоҷикистон ба хавфи асъорӣ нисбатан камтар осебпазир буда, ба ҳолати охири соли 2023 ин нишондиҳанда (мавқеи кушодаи асъорӣ/ сармояи танзимшаванда) 2,7 фоизро ташкил дод.

*4. Сифати сандуқи қарзӣ*




*5.(ҚҒФ-ФПТИ) / СТ*




***6. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ***




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*